## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ). – Душанбе, 2025. – 167 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Дар чанд банди шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пажуҳиши нукоте тарҳрезӣ шудааст, ки ба таҳқиқи рӯзгору осори Саттор Турсун ва маҳорати ҳунарии ӯ дар тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри бадеии тоҷик иртибот мегирад. Аз ин ҷиҳат, мавзуи диссертатсияи тақризшаванда ба доираи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) комилан **мувофиқат менамояд.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Ҷунбиши назарӣ ва ҳунарие, ки охири солҳои панҷоҳум ва оғози даҳаи шастуми садаи XX дар адабиёту ҳунари тоҷик ба вуқуъ омад, муносибат ва диду назари аҳли адабу ҳунарро ба арзишҳои иҷтимоию ахлоқӣ, шахсияти инсон, таърихи гузаштаи дуру наздики халқи худ ва халқу миллатҳои дигар тағйир дод. Тафаккур ва тасаввури аҳли ҷомеаро, ки муддатҳо пойбанди идеологияи тарҳрезишуда ва дар соярӯшанҳои муносибатҳои синфию ҳизбӣ қарор дошт, раҳо намуд. Ин тамоюли нав дар ҷустуҷӯ ва таҳқиқи бадеии инсон ва воқеият равишҳои ҷадидро падид овард. Нависандагонро водор намуд, ки тасвиру таҳқиқи воқеиятро аз зоҳир ба ботин нигаронида, масъалаҳои муҳимми ҳаёти гузаштаю ҳозираро бо роҳи сар фурӯ бурдан ба олами ботинии инсон ба тасвир гиранд.

Дар ин марҳилаи таҳаввули адабиёт инсон ҳар чӣ бештар дар меҳвари таваҷҷуҳи нависандагон қарор гирифт. Нависандагон тадриҷан ба инсон, ба зиндагӣ ва хислатҳои маънавии ӯ бо диди таҳқиқ назар дӯхта, мехостанд ҳиссу андеша ва ҷидду ҷаҳди вайро амиқ санҷида, ба тасвир диҳанд. Ин тарзи таҳқиқ дар рафтор ва корномаи зиндагии афроди ҷомеа баъзе мухолифатҳои шадидро ошкор кард, ки боястӣ кашфу муайян намудани сарчашма ва сабабҳои зуҳури онҳо лузумият пайдо намуд. Ҳамин буд, ки мабдаи таҳқиқӣ ва асоси равонковии асарҳои насрӣ қувват гирифт. Батадриҷ, дар наср назари рӯякӣ ба инсон хотима ёфт ва бо таваҷҷуҳи тамом омӯхтани воқеият ва ҷаҳони ботинии инсон мавқеи меҳварӣ касб кард. Дар баъзе асарҳо таҳқиқи бадеии зиндагӣ хеле қувват гирифт ва ин имкон ба вуҷуд овард, ки моҳияти равандҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа амиқтар намоён гардад.

Саттор Турсун аз шумори ҳамонҳое аст, ки дар ҳамин марҳила ба майдони эҷод омада, то лаҳзаҳои охирини умр дар ғанӣ гардонидани хазинаи адабиёти мо қалам кашад ва аз ҷумлаи нависандагони соҳибном ва дардошноест, ки диду назари тоза ба ҳаёт ва рӯзгори инсон дошт.

Саттор Турсун дар асарҳояш бо маҳорати хуби ҳунарӣ ва дарку фаҳми воқеияти бебаҳси ҳаёт масъалаҳои иҷтимоиву ахлоқии ҷомеаро воқеъбинона таҳлилу тасвир намудааст. Нависанда кӯшидааст, чи дар асарҳои бадеӣ ва чи дар мақолаву матлабҳои илмӣ-оммавиаш, муҳимтарин масоилу муаммоҳои

давру замонро, ки боиси таназзули фикрию ахлоқӣ ва костиҳои ҳувиятию мадании ҷомеа гардидаанд, матраҳ намояд ва сатҳи огоҳию дарки хонандагонро дар қиболи шинохти мушкилоти давру замон боло бубарад.

Воқеан, Нависандаи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдулло Рӯдакӣ Саттор Турсун дар насри нимаи дуюми садаи XX ва се даҳсолаи замони истиқлол шинохта ва эътирофгашта мебошад. Вай дар навъҳои гуногуни наср асарҳои ҷолиби хонданӣ ва марҳилавии адабиётро офарида, дар инкишофи насри муосири тоҷик, бавижа жанрҳои ҳикояву повест (қисса) ҷойгоҳи худро дорад.

Фаъолияти эҷодии Саттор Турсун дар замони озодиву истиқлол паҳлуҳои тоза касб кард ва нависанда дар ин давра мавзую масъалаҳоеро мавриди таҳлилу тасвир қарор дод, ки дар гузашта рӯй овардан ба онҳо ғайриимкон буд. Бавижа, ҳикоёту қиссаҳои адиб, ки дорои таҳқиқи бадеии равандҳои мураккаби зиндагӣ мебошанд, хеле ҷолибанд. Дар ин асарҳо хуб ба мушоҳида мерасад, ки нависанда масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ва ахлоқиро бо нигоҳи тоза ва борикбин ба риштаи тасвир кашида, аз тақдири инсон ва воқеияти зиндагии ҳамзамонон ҳикоят мекунад.

То ба имрӯз дар ҷустуҷӯҳои илмии донишмандон, аз зумра М. Шакурӣ, А. Сайфуллоев, Х. Шарифов, Ҷ.Бақозода, А. Набавӣ, Х.Асозода, Н.Салимӣ, А.Раҳмонзода, М.Раҷабӣ, Ш.Солеҳов, Қ.Нурқаев баъзе паҳлуҳои шахсият ва осори бадеии Саттор Турсун мушаххас шудаанд. Вале боз ҳам метавон гуфт, ки баъзе вижагиҳои осори ҳунарии Саттор Турсун, бавижа, таҳқиқ ва шинохту арзёбии моҳияти ҷустуҷӯҳои мавзуиву мундариҷавӣ, аз ҷумла масъалаҳои иҷтимоиву ахлоқии осори нависанда, хусусиятҳои бадеӣ ва фардияти эҷодии нависанда ҳанӯз ба таври ҷомеъ омӯхта нашудааст. Бинобар ин, омӯзиш ва таҳқиқи ин масъалаҳо **аҳаммияти махсуси илмӣ** дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд,** дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст дар қолаби рисолаи таҳқиқӣ ҷустуҷӯҳои ҳунарии Саттор Турсун дар мавриди тасвири воқеияти зиндагӣ арзёбӣ гардидааст. Ҳамзамон, дар заминаи ҳикояву повестҳо ва романи нависанда мушкилоти иҷтимоӣ ва ахлоқии шахсиятҳои осори нависанда баррасӣ шудааст. Инчунин, вижагиҳои сабкӣ ва забонии осори Саттор Турсун зимни тасвири воқеияти зиндагӣ ва масоили иҷтимову ахлоқӣ арзёбӣ шудааст.

Саидзода Саида Саид барои анҷом додани кори таҳқиқиаш дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар 4 банд манзур кардааст. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида муҳтавои фаслу бобҳои диссертатсияро инъикос карда, дар шинохту омӯзиши рӯзгору маҳорати эҷодии Саттор Турсун ва таъйини ҷойгоҳи ӯ дар раванди ташаккулу таҳаввули насри бадеии тоҷикии давраи нав аҳаммияти махсуси илмӣ доранд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта,** чунин мушаххас гардидааст, ки дар кори диссертатсионии мазкур аз дастовардҳои илмӣ ва осори назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода гардида, маълумоту сарчашмаҳо, асосан, мушаххасанд. Ҳамчунин, ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳо ва

теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисос мувофиқат менамоянд. Омӯзиши сарчашмаҳои адабӣ ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқию баррасии мавзуъ ва масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда ба муаллиф имкон додааст, **хулоса ва тавсияҳои** боэътимод бароварда, дурнамои мавзуъҳои таҳқиқии марбут ба дигар самтҳои фаъолияти эҷодии Саттор Турсунро дуруст муайян намояд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Саидзода Саида Саид аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, 3 боб, 9 фасл, 9 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таркиб ёфтааст. Дар фаслу бобҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқӣ, истинод бар маъхазҳо, муҳокимаю бардоштҳо ва хулосаҳои ҷолиб ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия ҳамаи зербахшҳои зарурӣ тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия таҳия ва манзур шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия – **«Омилҳои ташаккули шахсияти эҷодии Саттор Турсун»** аз ду фасл фароҳам омадааст. Дар фасли аввали боби якум – **«Зиндагиномаи нависанда»,** бар асоси санадҳои зиндагинома, ёддошту мусоҳибаҳо, сарчашмаҳои илмӣ ва энсиклопедию адабӣ маълумоти мушаххас манзур гардида, замони тавлид ва фавт, таҳсил, оғози фаъолияти эҷодӣ, омилҳои ташаккули ҳунари эҷодии Саттор Турсун баррасӣ шудаанд. Аз андешаҳои диссертант хулосае бармеояд, ки ҳунар ва истеъдоди эҷодкории нависанда дар ҷойи холӣ ба вуҷуд наомада, омилҳои ҷидие будааст, ки дар ташаккули шахсияти инсонӣ ва ҳунарии вай таъсир гузоштаанд. Мувофиқ ба натиҷагириҳои муаллиф дар ташаккули шахсияти эҷодии Саттор Турсун авомили асосии сарнавиштсоз, аввал, муҳити хонавода, бавижа нақши падар, баъдан мактабу донишгоҳи олӣ ва устодони роҳнамову ояндабин, сониян, муҳити хуби тарбияткунандаи маҷаллаи «Садои Шарқ» будааст, ки барои эҷоди асарҳои тозаи насрӣ ва мақом пайдо кардани нависанда дар адабиёти давраи нави тоҷик асос шудаанд.

Дар ҳамин қисми кор баъзе паҳлуҳои дигари коргоҳи эҷодии нависанда, аз ҷумла фаъолияти адабӣ-танқидӣ ва публитсистиву тарҷумонии адиб низ баррасӣ гардидаанд. Аз муҳтавои ин фасл маълум мешавад, ки Саттор Турсун адиби пурмаҳсул ва фаъолияти адабии ӯ гуногунҷабҳа аст. Дар канори ин гуфтаҳо бояд таъкид намоем, ки диссертант зимни баррасиҳо баъзе андешаҳояшро дақиқ носанҷида баён мекунад, ки таҷдиди назар мехоҳад. Гузашта аз ин, баъзе ҷумлаҳои муаллиф печидаву мураккаб ва барои хонанда то андозае нофаҳмо аст.

Дар фасли дувуми боби аввал **«Саттор Турсун ва таснифи асарҳои ӯ»** китобу маҷмуаҳои нависанда вобаста ба соли таълифашон номбар мешавад. Муҳаққиқ барои арзёбии амиқу дақиқ осори Саттор Турсунро вобаста ба давраҳои эҷодӣ, таҷрибаи нависандагӣ ва ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ тасниф карда, мувофиқ ба рушду таҳаввули фардияти ҳунарӣ ҷойгоҳи нависандаро дар таърихи адабиёти нави тоҷик таъйин ва таъйид менамояд. Ҳамзамон, китобу

маҷмуъаҳои навиcанда, ки берун аз Тоҷикистон, тавассути нашрияҳои бунуфузи ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба чоп расидаанд, аз назари муаллифи рисола дур намонда, онҳо низ таҳқиқу баррасӣ шудаанд. Вобаста ба ин бардошти ниҳоии муҳаққиқ ҳамин аст, ки тарҷума ва нашри асарҳои навиcанда боис гаштаанд, ки муҳақаққиқону мунаққидон ба осори навиcанда мутаваҷҷеҳ шуда, онҳоро арзёбиву баҳогузорӣ намоянд. Бояд қайд кунем, ки дар баробари натиҷагириҳои мушаххас, муҳаққиқ ба ҷиҳати таҳлиливу таҳқиқии масъала камтар таваҷҷуҳ мекунад, ки боиси оҳанги публитсистӣ гирифтани фасли мавриди назар шудааст.

Фасли сеюми боби аввали рисола **«Густариши ҳикоя ва повест дар насри муосири тоҷикии солҳои 70-90»** номгузорӣ шуда, аз ду зерфасл таркиб ёфтааст. Зерфасли якум **«Тарвиҷи жанри ҳикоя дар адабиёти муосири солҳои 70-90»** унвон дошта, дар он вижагиҳои жанрии ҳикоя, ҷойгоҳи ҳикоя дар насри ҳунарӣ, марҳилаҳои таҳаввули ҳикоя дар адабиёти асри XX ва саранҷом рушди ҳикоя дар эҷодиёти Саттор Турсун баррасӣ ва таҳқиқ шудаанд. Ибтидо, муҳаққиқ андешаҳои донишмандону муҳаққиқонро нисбат ба истилоҳи ҳикоя ва ҷойгоҳи онро дар адабиёти гузашта ба доираи баҳс кашида, сониян, мақом ва давраҳои таҳаввули ин навъи адабиро дар адабиёти даврои нав матраҳ менамояд. Агарчи ин кори муҳаққиқ қобили дастгирист, вале зимни баррасиҳо вай боз ҳам ба гуфтаҳои донишмандони гузаштаву муосир монда, андешаҳои мушаххаси худро роҷеъ ба вижагиҳои жанрии ҳикояҳои солҳои мавриди назар баён карда натавонистааст.

Зерфасли дуюми фасли дувуми боби аввал **«Инкишофи повест дар адабиёти муосири тоҷикии солҳои 70-90»** ном дорад. Мавзуи баҳси ин зерфасл вижагиҳои жанрии повест, умумият ва тафовути повест аз қисса, назари донишмандон роҷеъ ба ин навъи адабӣ, ҷойгоҳи повест дар насри солҳои 70-90, мавзуъ ва мундариҷаи повестҳои солҳои мавриди назар ва ғайра қарор гирифтаанд. Муҳаққиқ кӯшиши зиёд ба харҷ дода, дар баррасии баъзе аз масълаҳои пешгузоштааш даст ёфааст, вале ба нишон додани роҳҳои таҳввули ин навъи адабӣ дар солҳои 70-90 ба пуррагӣ муваффақ нашудааст. Мавсуф бештар ба баршуморидани повестҳои дар ин солҳо эҷодшуда таваҷҷуҳ намуда, аз вижагиҳои хунарӣ ва сабкии ин навъи адабӣ камтар андеша баён мекунад.

**«Нақши ҳикояҳо ва повестҳои Саттор Турсун дар инкишофи тамоилҳои асосии насри муосири тоҷикӣ»** унвони фасли чаҳоруми боби аввал буда, мавзуи баҳси он мақоми ҳикоя ва повестҳои навиcанда дар инкишофи тамоилҳои асосии насри муосири тоҷикӣ қарор гирифтааст. Довталаби дараҷаи илмӣ ба таври муфассал ҳикояву повестҳои Саттор Турсунро аз лиҳози сохтор, мавзуъ ва муҳтаво ба таҳлил гирифта, бадеият ва тозапардозиҳои навиcандаро нишон додааст. Аз баррасиҳои муҳаққиқ ба мушоҳида мерасад, ки дар таҳаввулии насри соҳои 60-80-уми асри гузашта Саттор Турсун ҷойгоҳи хос доштааст. Бавижа, дар раванди вусъат гирифтани насри воқеъгароии тоҷик, таҳаввули насри таҳлиливу равоншинохтӣ, зуҳури «насри андеша» ва «интелектуалӣ» мақоми хос дорад. Дар мавриди интихоби мавзуъ ва ҳалли масъалаи батасвиромада назар ва пайи қалами худро соҳиб аст. Хубии ин қисмати кор дар он аст, ки муаллиф баъзе ҳикоя ва повестҳои

нависандаро таҳлил намуда, вижагиҳои ҳунариву мавзуияшро нишон медиҳад ва, ҳамзамон, бо овардани иқтибосот аз пажуҳишҳои донишмандону мунаққидон андешаҳояшро таҳким мебахшад.

Боби дуюми рисола **«Шеваҳои тасвири воқеияти зиндагӣ дар повестҳои Саттор Турсун»** унвон дошта, дар як фаслу чор зерфасл натиҷагирӣ мешавад. Довталаби дараҷаи илмӣ дар фасли **«Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии повестҳои Саттор Турсун»** ва чор зерфасли он повестҳои нависанда «Сукути қуллаҳо», «Камони Рустам», «Мегӯянд, ки модарам...» ва «Санг дар бағал ба тӯфон»-ро аз лиҳози мавзуъ ва ғоя мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Муҳаққиқ аввал ба таври умумӣ роҷеъ ба мавзуъ ва мундариҷаи повестҳо маълумоти обзорӣ дода, баъдан, ба таври алоҳида повестҳоро дар зерфаслҳо таҳлилу таҳқиқ мекунад. Муҳаққиқ ҷойгоҳи хос доштани мавзуъҳои иҷтимоӣ ва ахлоқиро дар повестҳои нависанда қайд карда, дар бозтоби ин масъалаҳо маҳорати вижаи ҳунарӣ доштани нависандаро таъйид мекунад ва зимни баррасии повестҳо дар зерфаслҳои алоҳида нисбат ба дигар нависандагон тафовут доштани сабку услуби Саттор Турсунро нишон медиҳад. Таъкид мекунад, ки сабку услуби касбкардаи Саттор Турсун дар бозтоби падидаҳои иҷтимоӣ аз оғози фаъолияти эҷодӣ тоза ва навҷӯёна буда, дар массири ҷусторҳои муназзам ташаккул ва таҳаввул пайдо кардааст.

Муаллифи диссертатсия таъсиргузор будани унсурҳои андешапарварӣ ва тааммуқписандиро дар ташаккули ҷанбаи иҷтимоии насри нависанда арзёбӣ карда, дар ҳалли масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ мусоидат кардани онҳоро дар мисоли повестҳо нишон медиҳад.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки агар муҳаққиқ унвони зерфаслҳои фасли мавриди назарро на фақат ба номи повестҳо, балки ба ин ё он масъалаи дар асар матраҳгардида мутобиқ мекард, ҷиҳати илмии кораш боз ҳам қавитар мешуд.

Унвони боби сеюми диссертатсия **«Тасвири воқеияти зиндагӣ дар романи «Се рӯзи як баҳор»-и Саттор Турсун»** буда, аз чор фасл ва се зерфасл таркиб ёфтааст. Дар меҳвари баҳси фасли аввали боби сеюм **«Тасвири ҳолатҳои равонӣ ва пуртазоди зиндагӣ дар роман»** романи «Се рӯзи як баҳор», асаре, ки дар сиришт тазоди бисёр мураккабу печида дошта, ба он баҳои якрангу ягона додан ғайриимкон аст, қарор дорад. Дар раванди таҳқиқи ин фасл муҳаққиқ кӯшидааст, истеъдоду ҳунари нависандаро дар ҳалли ҳамин гуна масъалаҳои чигилу сарбаста, ки роҷеъ ба онҳо сухани тоза гуфтану гиреҳашро боз кардан мушкил аст, боҷасорат даст зада, ба пайдо намудани муаммои аслии иҷтимоии инсон ва ҷомеа кӯшидааст, нишон диҳад.

Бардошту натиҷагирии муҳаққиқ аз баррасии мавзуву муҳтаво, сабку усули нигориш ва корбасти воситаҳои тасвири бадеӣ дар асар ҳамин аст, ки дар мавзуи воқеоти солҳои сӣ ва бавижа, замони босмачигарӣ асарҳои зиёди мустанад, ҳуҷҷатӣ ва бадеӣ таълиф шуда бошанд ҳам, романи «Се рӯзи як баҳор»-и Саттор Турсун аз онҳо тафовут дошта, пураҳаммияту арзишманд ва то имрӯз бесобиқа аст. Ба андешаи муаллифи диссертатсия, «Се рӯзи як баҳор» нисбат ба асарҳои дигар устодони насри ҳунарӣ, ки дар мавзуи фавқ таълиф шудаанд, бинобар доштани як навъ биниши тоза ва нигоҳи навҷӯёна ба симои маънавии инсон ва воқеияти таърихӣ тафовут дорад. Дар асар

сарнавишти инсон, пайванди рӯзгори иҷтимои инсон ба ҷамъият ва амали нерӯҳои бузурги табиат амиқ ва пурвусъат қаламдод шудаанд. Нависанда дар ин масъала таҳқикро жарф ва амиқтар бурда, аз равзанае нигоҳ мекунад, ки ин матлаб то ҷое дар насри пештараи мо ба ин гуна зовияи дид кам ба мушоҳида мерасад. Хулосаи ниҳоии муҳаққиқ ин аст, ки романи «Се рӯзи як баҳор» дар рӯзгори маънавии ҷомеа ва тақвияти тафаккури инсон нақши муҳим дорад. Ин роман бо фарогирии воқеаҳо, баррасии мавзуъҳо, бандубасти бадеӣ, сужети пуртазод, тасвири манзараҳо, образҳои ҷолиб ва шеваи хуби эҷодӣ дар насри муосири тоҷикӣ дастоварди назаррас мебошад.

Диссертант дар фасли дуюми боби сеюм **«Тасвири пайванди инсон ва табиат дар романи «Се рӯзи як баҳор»»** масъалаи воқеияти иҷтимоиву таърихиро дар ҳамбастагӣ бо қонунҳои азалӣ ва абадии табиат мавзуи баҳс қарор додааст. Бешак, масъалаи пайванди инсон ва табиат аз масъалаҳои меҳварии тафаккури фалсафӣ, иҷтимоӣ ва адабӣ ба шумор меравад. Адабиёт ҳамчун ойинаи зиндагии инсон ҳамеша муносибати мураккаби инсонро бо муҳити табиӣ, иҷтимоӣ ва таърихии ӯ бозтоб менамудааст. Бо назардошти ҳамин рисолат «Се рӯзи як баҳор»-и Саттор Турсунро аз ҷумлаи он асарҳое бояд шинохт, ки дар он на танҳо фоҷиаи иҷтимоиву таърихии давраи инқилобӣ, балки робитаи амиқи сарнавишти инсон бо қонунҳои бузурги табиат ба таври бадеӣ ва фалсафӣ баррасӣ мешавад.

Мувофиқ ба арзишдовариҳои муаллифи рисола, масъалаи тасвири табиат дар адабиёти тоҷикӣ мавзуи нав нест, вале Саттор Турсун нисбат ба дигар нависандагон дар ҳалли ҳамин масъала пешдастиҳо дорад. Нависанда ба ҳама ҳодисоте, ки дар пайвастагӣ ба табиат ҷараён мегиранд, назари тоза ва хос дорад, чунки инсон ва табиат пайванди диалектикии ногусастанӣ доранд. Ҳамин нукта аз ҷониби муҳаққиқ дар баррасии образи Ғазаб ва модагург хуб ба таҳқиқ омадааст. «Инсон ҷузъи табиат аст ва ҳамзамон гург низ. Дар роман аз ҳамин ҳисоб пайванди диалектикии ҷузъҳои табиат, ки яке бе дигаре вуҷуд дошта наметавонад, дар тасвири аҷиби нависанда ифода ёфтаанд. Ин пайванди диалектикӣ давомёбии ҳаётро нишон медиҳад, ки воқеияти зиндагӣ аст. Модагург низ мисли инсон барои давом додани насли худ кӯшишҳо мекунад ва пайваста дар талош аст» (саҳ.108).

Фасли сеюми боби сеюм **«Таҳлили образҳо (шахсиятҳои достонӣ) дар роман»** унвон дошта, аз се зерфасл фароҳам омадааст. Дар меҳвари баррасиҳои ин қисми рисола арзёбии сарнавишт, ҳаракату амал, руҳу равон, муносибату ҷаҳонбинӣ ва бархӯрдҳои иҷтимоии се шахсияти достонӣ – Усмон Азиз, Анвар ва Таманно қарор доранд. Муаллифи рисола дар се зерфасли боби мавриди назар кӯшиш кардааст, ҳунари нависандаро дар бозтоби зоҳиру ботини шахсиятҳои асосии роман – Усмон Азиз, Анвару Таманно ва персонажҳои дигар, аз ҷумла Сабоҳат, Сорохола, Қурбон, Каримов, Мурод, Ғуломҳусайн, Ҳалимбой, Саид, Сулаймон, Шермалик, Шокир, Юнус, Мулло Салим, Зариф Барака, Каромат, Саидназар нишон диҳад.

Дар зерфасли якум **«Таҳлили образи Усмон Азиз»** муаллифи рисола шахсияти Усмон Азизро ба таҳлилу таҳқиқ фаро гирифта, ин образро дар адабиёти тоҷик образи нав арзёбӣ мекунад. Аз ҷумла, қайд мекунад, ки «Усмон Азиз бар хилофи душманони ашадии инқилоб шахси ҳассос,

андешапарвар, гоҳо раҳмдилу баинсоф, вале раҳгумзада аст» (118). Баъдан, барои тақвияти андешаҳояш аз пажуҳишҳои донишмандону мунаққидон иқтибос меоварад. Ҳамзамон, аз истифодаи воситаҳои тасвир, ки нависанда дар ифшо кардани ҷаҳони ботинӣ, хислату характер, маслаку мароми Усмон Азиз корбурд кардааст, андешаҳояшро баён мекунад.

Дар зерфасли дуюми фасли сеюми боби сеюм образи Таманно мавриди таҳлил қарор мегирад. Натиҷаи баррасиҳои муаллифи рисола ин аст, ки Таманно тимсоли занони беҳтарини рӯзгор буда, дар роман бо андеша ва рафтори наҷиби худ ҷолиб тасвир ёфтааст. Ӯ ишқи пок дорад, ба муҳаббати воқеӣ, ки пойдевори оила аст, некбинона назар мекунад ва қалбану руҳан устувору кӯшо аст. Манзараи ҳалокати Таманно дар роман бо як эҳсоси баланди равонӣ тасвир шудааст, ки аз ҳунари тасвирсозии Саттор Турсун дарак медиҳад.

Образи Анвар дар зерфасли сеюм – **«Таҳлили образи Анвар»** баррасӣ мешавад. Дар тасвири нависанда Анвар ҳамчун як ҷавони таълимдида, боодоб, ботамкин, ростқавл ва ба аҳди худ содиқ тасвир шудааст. Дар баррасиҳои муҳаққиқ таъкид мешавад, ки Саттор Турсун дар роман муваффақ бар он гардидааст, ки мавқеи шаҳрвандии инсон, бархӯрди неку бад – ҳам пастиву разолат ва ҳам хубиву сарбаландии шахсони гуногунро вобаста ба қисмату андешаву зиндагии онҳо ба тасвири бадеӣ бигирад.

Фасли чаҳоруми боби сеюми диссертатсия **«Забон ва сабки баёни Саттор Турсун»** ба таҳқиқи вижагиҳои забонии насри Саттор Турсун иртибот дорад. Ба андешаи довталаби дараҷаи илмӣ, забони насри нависанда равону шево ва пур аз бойигариҳои луғавии забони тоҷикӣ буда, дар пироҳани зебои бадеӣ бо фарогирии унсурҳои гуфтугӯйи роиҷи тоҷикӣ офарида шудаанд. Мувофиқ ба арзишдовариҳои диссертант, дар асарҳои нависанда унсурҳои шевагии дағал, ки хосси як маҳалли тоҷикнишин бошад, мушоҳида намешавад. Гузашта аз ин, андешаҳои қаҳрамонҳои ҳикоёту повестҳо ва романи «Се рӯзи як баҳор» дар доираи меъёрҳои забони адабӣ ва нутқи гуфтугӯйӣ ифода шуда, хеле завқбахшанд. Дар сухани персонажҳо, мубоҳисаву мунозираҳо ва монологҳо, ки дар асарҳои Саттор Турсун хеле зиёданд, ифодаҳои ҳақорату дашном ва вожаву ибораҳои арабиву русӣ ба кор рафтаанд, ки ҳамагӣ дар мавқеи худ мувофиқанд.

Ҳамзамон, диссертант таъкид менамояд, ки Саттор Турсун дар асарҳояш аз санъатҳои бадеӣ фаровон истифода бурда, калимаю ибораҳои халқиву адабиро ба онҳо сухансанҷона пайванд додааст, ки аз маҳорати забондонии ӯ ва устоди сухан буданаш гувоҳӣ медиҳанд. Дар мавриди баррасии масъалаи мавриди назар гуфтан бамаврид аст, ки дар диссертатсия забони осори нависанда аз ҷиҳати илмӣ ҷолиб таҳлилу таҳқиқ шудааст ва муҳаққиқ дар нишон додани вижагиҳои забону шеваи баёни ба худ хосси Саттор Турсун муваффақ гардидааст.

**Хулосаи диссертатсияи** Саидзода Саида Саид фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 13 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Хулосаҳо дар заминаи баррасии мавзуи меҳварӣ ва муҳтавои фаслу бобҳои диссертатсия ба вуҷуд омадаанд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводди диссертатсия, натиҷаҳо ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани паҳлуҳои гуногуни фаъолияти эҷодии нависандагону драматургони дигар, масъалаҳои ҳамгун дар адабиёти давраи нави тоҷик, таъйини мавзую мундариҷа дар насри давраи нави тоҷикӣ, баррасии масъалаҳои марбут ба пайдоиши шаклҳои нави насри бадеӣ ба унвонҷӯёну довталабони дараҷаҳои илмӣ ва магистрантону донишҷӯён ҳамчун маводди назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Маводди фаровони адабиётшиносии дар рисола гирдомадаро метавон барои таълифи китоби таърихи адабиёти тоҷик истифода кард. Ҳамчунин, натиҷаҳои пажуҳишро барои таҳқиқоти минбаъда дар бораи насри бадеӣ, таҳия ва нашри матни интиқодии осори нависанда, таълиф ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, суханрониҳо роҷеъ ба масъалаҳои назарӣ ва амалии таҳқиқоти типологӣ дар мавриди рӯзгор ва осори Саттор Турсун дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ истифода кард.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи таҳқиқии хеш дар умум, 7 мақола интишор намудааст, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводди нашрнамудаи диссертант масъалаҳои муҳим ва меҳварҳои асосӣ, натиҷаҳои зарурӣ ва мундариҷаи диссертатсияро таҷассум карда, якҷо бо суханрониҳои илмии диссертант дар конфронсҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ саҳми шахсии ӯро муқаррар месозанд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант роҷеъ ба мавзуи таҳқиқ нашр намудааст, муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтаанд. Ҳамчунин, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**. Диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Мувозӣ бар дастовардҳои илмӣ ва баррасиву натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ диссертатсияи тақризшаванда аз норасоиҳо дар канор нест:

1. Ба назари мо, фасли якум ва дуюми боби аввали рисола хусусияти обзорӣ гирифтааст. Асарҳои нависанда вобаста ба соли нашрашон номбар шуда, вижагиҳои жанриву ҳунариашон камтар баррасӣ мешавад. Муаллиф ба ҷойи он ки нисбат ба иқтибосҳои овардааш баҳс ороста, андешаҳояшро баён кунад, саргарми шарҳу бозгӯйии гуфтаҳои дигарон шудааст.

2. Диссертант дар фасли сеюм ва зерфаслҳояш, ки ба густариши ҳикоя ва повест дар насри тоҷикии солҳои 70-90-уми асри XX ихтисос дорад, ба

таҳқиқу таҳлили таҳаввули баъзе ҷиҳатҳои ин жанрҳо муваффақ шуда бошад ҳам, нақши тамоюлҳои нави зуҳуркардаро дар таҳаввули ҳикояву повестҳои ин солҳо камтар баррасӣ кардааст. Масалан, вижагиҳои насри андешаро хеле содалавҳона баррасӣ мекунад: «Дар ин радиф метавон повестҳои нависандагон: Ҷ.Одина «Авроқи рангин», «Иншо дар мавзуи озод», Ю. Акобиров «Баъде ки осиё бозмонд», «Балоғат», «Осмони соф», Ф.Муҳаммадиев «Дар он дунё»... ва ғайраро номбар кард, ки дар ин асарҳо қаҳрамононро бо ҷидду ҷаҳд, устувор ва ташаккули ахлоқи ҳамида мебинем, ки ба истилоҳ «насри андеша» номида шуданд. Дар ин асарҳо ҳама рӯйдодҳои ҳаёти инсонӣ аз дидгоҳи ахлоқ баррасӣ гардидаанд» (саҳ. 46).

3. Диссертант пас аз хатми ҳар боб натиҷагириҳояшро манзур мекунад, ки хеле хуб аст, аммо дар боби аввал хулосаҳое дорад, ки таҷдиди назар мехоҳанд. Масалан, «– Саттор Турсун дар давоми фаъолияти эҷодии худ баъд аз ҳикоя ба навиштани повестҳо оғоз намудааст, ки аввалин повести нависанда «Сукути қуллаҳо» ном дорад ва «Камони Рустам», «Мегӯянд, ки модарам...», «Пайванд», «Обдорӣ», «Барф ҳам мегузарад», «Санг дар бағал ба тӯфон» дар солҳои баъд эҷод шудаанд» (саҳ. 64). Саттор Турсун бо номи «Барф ҳам мегузарад» повест надошта, ба ҳамин ном маҷмуаи ҳикоя ва повестҳо дорад, ки соли 1983 нашр шуда, ду ҳикоя ва чор повестро дар худ гирд овардааст. Ҳамон ҳафт повесте, ки муҳаққиқ дар назар дорад, мувофиқ ба соли чопашон «Сукути қуллаҳо», «Камони Рустам», «Пайванд», «Обдорӣ ё худ Кавкабони кабуд», «Мегӯянд, ки модарам...», «Санг дар бағал ба тӯфон» ва «Ҳасрат» мебошанд.

4. Муаллифи диссертатсия дар овардани иқтибосҳо беаҳаммиятӣ зоҳир намуда, баъзан гузоштани аломати «нохунак»-ро фаромӯш мекунад.

5. Ба андешаи мо, агар диссертант зерфаслҳои фасли «Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии повестҳои Саттор Турсун»-ро дар шакли «Муносибати нависанда ба воқеияти замон дар повести «Сукути қуллаҳо»», «Масъалаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ дар сарнавишти қаҳрамонони «Камони Рустам»», «Нақши тафсилоти бадеӣ ва рамзҳо дар повести «Мегӯянд, ки модарам...»», «Унсурҳои бадеии тасвирҳои воқеияти зиндагӣ дар «Санг дар бағал ба тӯфон»» номгузорӣ мекард, хубтар мебуд.

6. Дар матни диссертатсия ному насаби адабиётшиносон, муҳаққиқону мунаққидон зиёд ёд мешавад, вале муаллифи рисола дар навишти ному насаби онҳо навишти ягонаро риоя намекунад. Ҳамин гуна гуногуннависӣ баъзан, дар навишти калимаву истилоҳот ҳам ба чашм мерасад.

7. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ҷумлаҳои печидаву нофаҳмо ва аз ҷиҳати услуб носолим, ғалатҳои имлоӣ, китобат ва гуногуннависӣ мушоҳида мешавад (саҳ. 3, 5, 7, 8, 10, 12, 15, 21, 24, 26, 61, 65, 97, 128, 139, 140).

8. Дар рӯйхати адабиёт хронология риоя нашудааст ва дар бахши рӯзномаҳо гуногуннависӣ роҳ ёфтааст.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, асосан, хусусияти тавсиявӣ ва пешниҳодӣ доранд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Хулоса, диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва

35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи назария ва адабиёти
навини форсии тоҷикии факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муҳаммадизода Қарор Муҳаммадӣ
«09» феврали соли 2026.

Нишонӣ: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Аҳмади Дониш, бинои 32/3, ҳуҷраи 20
Тел.: (+992) 93-508-51-29
E-mail: nqaror@mail.ru

Имзои Муҳаммадизода Қарор Муҳаммадиро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
Сомонаи расмӣ: www.tnu.tj
E-mail: info@tnu.tj
«09» феврали соли 2026.